# Суолҳои муҳим бо ҷавобҳои кутоҳ

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية]**

Таҳия ва тарҷума: Мусъаби Ҳамза

2011 - 1432

IslamHouse.com

# أسئلة وأجوبة في العقيدة

«باللغة الطاجيكية»

إعداد وترجمة: مصعب حمزة

2011 - 1432

IslamHouse.com

## Бузургтарин гуноҳ чист?

Бузургтарин гуноҳ ширки акбар аст.

Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَإِذْ قَالَ لُقْمَٰنُ لِٱبْنِهِۦ وَهُوَ يَعِظُهُۥ يَٰبُنَيَّ لَا تُشْرِكْ بِٱللَّهِ ۖ إِنَّ ٱلشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ ﴿١٣﴾ ﴾ لقمان: ١٣

"Ва (ёдовар шав) он гоҳ, ки Луқмон ба писараш гуфт ва ӯро панд медод, ки эй писараки ман, ба Худо ширк маёвар, ҳаройна, ширк ситамест (зулмест) бузург" (Луқмон 13)

Расули Худо (Дуову дуруд бар у бод) пурсида шуд, ки кадом гуноҳ бузургтар аст? Гуфт: «Ин ки барои Худованд шарик қоил шави, дар ҳоле ки Ӯ туро халқ кардааст».

## Ширки акбар чист?

قَالَ تَعَالَى: ﴿ قُلْ إِنَّمَآ أَدْعُواْ رَبِّي وَلَآ أُشْرِكُ بِهِۦٓ أَحَدًا ﴿٢٠﴾ ﴾ الجن: ٢٠

Бигӯ: «Танҳо Парвардигорамонро мехонам ва ҳеҷ касро шарики ӯ намесозам» (Ҷин 20)

Расули Худо (Дуъову дуруд бар у бод) мефармояд: "Бузургтарини гуноҳони кабира шарик овардани ба Худо аст" (Бухорӣ)

## Зарари ширки акбар чист?

Ширки акбар сабаби дар оташи дузах абади мондани инсон мебошад.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُ ﴾ المائدة: ٧٢

«Зеро ҳар кас, ки барои Худованд шарике қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯ ҳаром кунад ва ҷойгоҳи ӯ оташ аст». (Моида 72)
Пайғамбари Худо мефармояд: «Касе дар ҳоле бимирад ки ба Худо чизеро шарик биёрад, дохили оташи дузах мешавад» (Муслим)

Оё амал (ибодат, намоз, руза, корҳои нек…) ҳамроҳи ширк фоидае мерасонад?
(Яъне инсон ҳам ибодат кунад, намозу руза ва амалҳои некро ба ҷой орад, ва дар баробари он ба Худованд шарик қоил шавад, оё он ибодатҳо ва амалҳои нек ки анҷом медиҳад барояш фоидае мерасонад ё не?)
Анҷоми амалҳо ва ибодатҳо бо ҳамроҳии шарик овардан ба Худо фоидае надорад.

قَالَ تَعَالَى: ﴿ وَلَوۡ أَشۡرَكُواْ لَحَبِطَ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٨٨ ﴾ الأنعام:٨٨

«Ва агар ширк оварда буданд, аъмоле, ки анҷом дода буданд, нобуд мегардид» (Анхом 88)
Дар ҳадиси Қудси омадааст, ки Худованд мефармояд: «Касе ки амалеро анҷом диҳад ва бо ман дигар чизро шарик гардонад дар он амал,

тарк кардам уро ва ширкашро» (Ҳадиси Қудси, Муслим)

Оёо ширк дар байни мусулмонон вуҷуд дорад? Бале, мутассифона хеле зиёд аст.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَمَا يُؤْمِنُ أَكْثَرُهُم بِٱللَّهِ إِلَّا وَهُم مُّشْرِكُونَ ﴿١٠٦﴾ ﴾ يوسف: ١٠٦

«Ва бештарашон ба Худо имон наёваранд, балки ҳамчунон мушриканд» (Юсуф 106)
Расули Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Қиёмат барпо намешавад то инки баъзе аз қабилаҳои умматам бо мушрикон бипайванданд, ва то инки бутҳо парастида шаванд» (Тирмизӣ)

Ҳукми дуо кардани ғайри Худованд чист, мисли авлиё?
Дуъои ғайри Худованд ширк аст ва аз асбоби дохил шудани дузах мебошад.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ فَلَا تَدْعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَتَكُونَ مِنَ ٱلْمُعَذَّبِينَ ﴿٢١٣﴾ ﴾ الشعراء: ٢١٣

«Пас ба Худои якто худои дигареро махон, то мабодо дар шумори азобшавандагон дарои» (Шуро 213)
Расули Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Касе бимирад дар ҳоле ки барои Худо шарике қарор додааст ва уро дуо мекунад, дохили дузах мешавад» (Бухори)

Оё дъуо ибодат аст барои Худованд?
Бале, дуо барои Худованд ибодат аст.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ ﴾ غافر: ٦٠

«Парвардигоратон гуфт: «Дуъову илтиҷо кунед Маро, то (дуъои) шуморо иҷобат кунам» (Ғофир 60)
Расули Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Дуъо ибодат аст» (Тирмизӣ)

Оё мурдагон дуъоро мешунаванд?
Мурдагон дуъоро намешунаванд.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ إِنَّكَ لَا تُسْمِعُ الْمَوْتَىٰ ﴾ النمل: ٨٠

«Ҳаройна, ту наметавонӣ мурдагонро шунаво созӣ» (Намл 80)
Худованд дар ҷои дигар мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَمَا يَسْتَوِي الْأَحْيَاءُ وَلَا الْأَمْوَاتُ ۚ إِنَّ اللَّهَ يُسْمِعُ مَن يَشَاءُ ۖ وَمَا أَنتَ بِمُسْمِعٍ مَّن فِي الْقُبُورِ ﴿٢٢﴾ ﴾ فاطر: ٢٢

«Ва зиндагону мурдагон баробар нестанд. Албатта, Худо ҳар киро хоҳад, мешунавонад. Ва ту наметавонӣ сухани худро ба мурдагоне, ки дар гӯр хуфтаанд, бишунавонӣ» ( Фотир 22)
Расули Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Дар ҳақиқат барои Худованд дар замин

фариштаҳои сайёҳе аст, саломи умматамро бароям мерасонанд». (Аҳмад)

Оё аз мурдагон ё ғоибон ёри талаб мекунем?
Аз онҳо ёри талаб намекунем, балки аз Худованд ёри талаб мекунем.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِذْ تَسْتَغِيثُونَ رَبَّكُمْ فَٱسْتَجَابَ لَكُمْ ﴾ الأنفال: ٩

«Ва (ба ёд оред) он гоҳ, ки аз Парвардигоратон ёрӣ хостед ва Худо бипазируфт» ( Анфол 9)
Пайғамбари Худоро (Дуову дуруд бар у бод) агар ғаму андуҳе мерасид чунин мегуфт: «Ё Ҳайю ё Қайюм ба раҳмати ту ёри металабам» (Тирмизи).

Оё аз ғайри Худованд кумак хостан ҷоиз аст?
Кумак хостан аз ғайри Худованд ҷоиз нест.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَى: ﴿ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ۝٥ ﴾ الفاتحة: ٥

«Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем» (Фотир 5)
Пайғамбари Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Ҳар вақт чизе хости аз Худо бихоҳ, ва ҳар кумак хости аз Худо кумак бихоҳ» (Тирмизи)

Оё аз зиндаҳое ки ҳозир ҳастанд кумак хостан ҷоиз аст?

Бале дар он чизе ки дар ба ҷой овардани қодир ҳастанд.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَتَعَاوَنُواْ عَلَى ٱلۡبِرِّ وَٱلتَّقۡوَىٰۖ وَلَا تَعَاوَنُواْ عَلَى ٱلۡإِثۡمِ وَٱلۡعُدۡوَٰنِۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٢ ﴾ المائدة: ٢

«Ва дар некӯкорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу таҷовуз. Ва аз Худо битарсед, ки ӯ ба сахтӣ уқубат мекунад» (Моида 2)
Пайғамбари Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Худованд ёри ва кумак мекунад бандаашро, модоме ки бандааш дар ёри ва кумаки бародараш аст» (Муслим).
Яъне инсон ҳама вақт бояд дар ёри додани бародараш кутоҳи накунад, то вақте ки дар роҳи рост ва хайр бошад, аммо кумак кардан дар гуноҳ гуноҳ мебошад.

Оё барои ғайри Худованд назр кардан ҷоиз аст?
Назр кардан фақат барои Худованд ҷоиз аст.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ إِذۡ قَالَتِ ٱمۡرَأَتُ عِمۡرَٰنَ رَبِّ إِنِّي نَذَرۡتُ لَكَ مَا فِي بَطۡنِي مُحَرَّرٗا فَتَقَبَّلۡ مِنِّيٓۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ٣٥ ﴾ آل عمران: ٣٥

«Ва зани Имрон гуфт: «Эй Парвардигори ман, назр кардам, ки он чӣ дар шикам дорам, озод бошад (яъне аз кори ин ҷаҳон озоду танҳо дар

хидмати Ту бошад). Ин назрро аз ман бипазир, ки бешак Ту шунаво ва доно̄» ( Оли имрон 35)
Пайғамбари Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Ҳаркасе назр кард ки Худоро итоат мекунад, пас итоат кунад, ва ҳар касе назр кунад, ки Худоро гуноҳ мекунад, пас гуноҳ накунад» (Бухор̄и)
Оё қурбони барои ғайри Худованд ҷоиз аст?
Қурбони барои ғайри Худованд ҷоиз нест, зеро он ширки акбар мешавад, ва ширки акбар инсонро аз дин хориҷ мекунад.
Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ٢ ﴾ الكوثر: ٢

«Пас, барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбон̄и кун» (Кавсар 2)
(Яъне қурбони фақат барои Худованд аст, ва қурбони баро шахсе ё ҷое мисли мазор ё сари қабре қурбони кардан ҷоиз нест, зеро қурбони ибодат аст ва барои дигар кас ё мурда, касе ки набошад карданаш гуноҳ ва ширки акбар мебошад.)
Пайғамбари Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Худованд касеро ки барои ғайри Худо қурбони мекунад лаънат гуфтааст» (Муслим)

Оё тавоф кардан дар гирди қабр ҷоиз аст?
Тавоф кардан фақат дар гирди Каъба ҷоиз аст.

Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَلۡيَطَّوَّفُواْ بِٱلۡبَيۡتِ ٱلۡعَتِيقِ ٢٩ ﴾ الحج: ٢٩

«Ва бар он хонаи кӯҳансол тавоф кунанд» ( Ҳаҷ 29) (Яъне Каъба)

Пайғамбари Худо (Дуову дуруд бар у бод) мефармояд: «Ҳар касе ки гирди хонаи Худо (Каъба) ҳафт маротиба тавоф кард, ва ду ракаат намоз гузошт, гуё як ғуломро озод кардааст» (Ибни Моҷаҳ).

(Яъне савоби як ғулом озод карданро соҳиб мешавад).

Оё ҷоиз аст ки дар рубаруи қабр намоз хони? (яъне ру тарафи қибла боши ва дар пешат қабр бошад, ва ба тарафи у намоз хони)

Дар ҳоле ки қабр дар рубаруят бошад ба суи у намоз хондан ҷоиз нест.

Худованд мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ فَوَلِّ وَجۡهَكَ شَطۡرَ ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِۚ وَحَيۡثُ مَا كُنتُمۡ فَوَلُّواْ وُجُوهَكُمۡ شَطۡرَهُۥ ﴾ البقرة: ١٤٤

«Пас рӯй ба ҷониби Масҷидулҳаром кун. Ва ҳар ҷо, ки бошед, рӯй ба он ҷониб кунед» ( Бақара 144).(Яъне ру ба тарафи қибла кун, ва дар куҷое ки набошед руй бӣа тарафи қибла кунед).

Пайғамбари Худо мефармояд: «Бар болои қабрҳо (пеши) нашинед, ва ба суи қабрҳо намоз нахонед» (Муслим)

Худованд ҳамаи моро аз воқеъ шудан дар гуноҳони кабира ва сағира ва хусусан дар куфру ширк нигоҳ дорад. Омин.